# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2020.**

Анҷом додани таҳқиқот доир ба рӯзгор ва фаъолияти илмӣ - педагогии муаррихи барҷастаи риштаи афғонистоншиносӣ Ҳақназар Назаров дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори хайр ҳисоб меёбад, зеро то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони дохилию хориҷӣ роҷеъ ба ин мавзӯъ таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом нагирифтааст.

Таҳқиқи мавзӯъи мазкур аз ҷониби диссертант Қодиров Довар Саидаллоевич хеле сариваҷтӣ буда, дар ин замина тадқиқоти арзишманди илмӣ ва бaанҷомрасида мебошад.

Аз матни автореферат бар меояд, ки диссертатсия аз сарсухан, се боб бо фарогирии ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Унвонҷӯ дар сарсухан мубрамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро бо далелҳо муътамад асоснок намуда, саҳми муҳаққиқро дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон баён доштааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони «Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри XX» муайян карда шудааст. Дар ин боб аз ҷониби диссертант, дар ду зербоб масъалаҳои «Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи «Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри

XX Афгонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров» бахшида шудааст. Дар се зербоби он муаллиф таҳқиқи масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон, ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ҳамчунин арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар осори Ҳ.Назаровро мавриди таҳқиқи қарор додааст.

Боби сеюм ба масъалаи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» бахшида шудааст, ки аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар зербобҳои он доир ба «Ҳақназар Назаров ва таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Ҳақназар Назаров ва арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон»-ро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Муаллиф хеле хуб вобаста ба ҳар як боби рисола хулосаҳои шахсии худро пешниҳод нумуда, моҳияти илмӣ доштани андешаҳояшро асоснок менамояд.

Унвонҷӯ дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва мантиқӣ аз иҷрои ҳадафҳои дар доираи мавзӯи таҳқиқоти диссетатсионӣ гузошташуда, хулоса намудааст.

Ҳамин тавр, рисолаи Қодиров Довар Саидаллоевич «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», як таҳқиқи муваффақ, бaанҷомрасида ва дар сатҳи хуби илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Қодиров Довар Саидаллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз

рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ» арзанда мебошад.

Сардори шуъбаи таърихи
нав ва навтарини Осорхонаи
миллии Тоҷикистон
номзади илмҳои таърих, Фирдавси А.
22.04. 2020.

**Суроға:** 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 11.
Осорхонаи миллии Тоҷикистон
Телефон (+992) 918544498, 2278411.
E-mail: Firdavs90_tj@mail.ru

"Имзои Фирдавси А. - ро тасдиқ мекунам"
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Осорхонаи миллии Тоҷикистон Қадамова Ф.